## Чӣ тавр бояд ариза дод:

**GEFF** тавассути Шарикони молиявии маҳаллӣ маблағгузориро амалӣ менамояд.
Барои пешниҳоди аризаи қарзӣ ба филиали наздиктарини шарики молиявии мо муроҷиат намоед:

Ҳумо

office@humo.tj

www.humo.tj

+992 (44) 640-55-44; 544 (Маркази тамос)

## Тамос бо GEFF:

Суроға :
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар 37/1, Маркази тиҷоратии "Вефа Центр", утоқи 802

tajikistan@ebrdgeff.com

www.ebrdgeff.com/tajikistan

+992 93 433 90 01

Лоиҳа аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мешавад

ECTAP
ENHANCED COMPETITIVENESS OF TAJIK AGRIBUSINESS PROJECT

Дар ҳамкорӣ бо:

GREEN CLIMATE FUND

GEFF Green Economy Financing Facility

European Bank for Reconstruction and Development

Дастгирии молиявии технологияҳои сабз

# Технологияҳои обёрӣ

**GEFF Тоҷикистон** барои пешрафти рушди устувор ба бахши хусусӣ маблағҳои грантӣ ва кӯмаки техникӣ пешниҳод мекунад. Деҳқонон ва соҳибкорон дар тамоми занҷираҳои арзиши иловашуда дар соҳаи кишоварзӣ метавонанд технологияҳои пурсамарро барои рушди рақобатпазирӣ ва идоракунии бехатари захираҳои табиӣ ҷорӣ намоянд. Маблағҳои грантӣ аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо пешниҳод шуда, пас аз татбиқи бомуваффақияти лоиҳа ва санҷиши он, дастрас мегарданд.

Лоиҳа аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мешавад

ECTAP
ENHANCED COMPETITIVENESS OF TAJIK AGRIBUSINESS PROJECT

## Афзалиятҳо барои деҳқонон:

- Сарфаи об ба ҳисоби миёна аз 20% то 50% дар муқоиса бо обёрии тарзи ҷӯякӣ
- Муҳофизати хок аз шӯршавӣ ва таназзул
- Афзуншавии ҳосилнокӣ то 40% аз ҳисоби назорати беҳтари об ва нуриҳо
- Кам шудани хароҷот барои обёрӣ ва мубориза бо алафҳои бегона

## Таҷрибаи муваффақ:

Боғи муосир бо обёрии қатрагӣ обро сарфа намуда, даромади соҳаи кишоварзиро афзун менамояд.





Бо маблағи **13,600 доллари ИМА**, мизоҷ Комилов тавонист ҳосилнокии себ, бодом ва ангурро то **35%** афзоиш дода, илова бар ин вай дар муқоиса бо обёрии ҷӯякӣ обро сарфа кунад.
Мӯҳлати пӯшонидани хароҷот: **5 сол** | Сарфаи солонаи об: **51,000 м3.**

## Мизоҷони мувофиқ:

Мизоҷони эҳтимолӣ ширкатҳои бахши хусусӣ ва деҳқонон мебошанд:

- Корхонаҳои хурд ва миёна* дар қатори тамоми занҷираҳои арзиши иловашудаи соҳаи кишоварзӣ ва агробизнес
- Маблағҳои грантӣ дар ҳаҷми **20% ё 30%**** пас аз татбиқи бомуваффақияти лоиҳа ва санҷиши он, пешниҳод мегарданд

*Корхонаҳои хурд ва миёна мувофиқи меъёрҳои ИА: OJ L 124, аз 20 Майи соли 2003, саҳ. 36 муайян карда мешаванд
** Танҳо ба системаҳои обёрии қатрагӣ ва обпошӣ дахл дорад

## Меъёрҳои техникӣ:

**Маблағҳои грантӣ** пас аз бомуваффақият татбиқ ёфтани лоиҳа ва санҷиши он аз ҷониби мушовири мустақил, дастрас мегарданд.



**Технологияҳои обёрии қобили қабул:**
-системаи обёрии қатрагӣ ва спринклерӣ
-қубурҳо (диаметри на камтар аз 50 мм)
-насосҳо (баҳодиҳии алоҳидагӣ талаб карда мешавад)
-ҳавзҳо барои об (на камтар аз 20 м3).

**Барои пардохти маблағҳои грантӣ ҳуҷҷатҳои зерин бояд пешниҳод карда шаванд:**
-шартнома
-ҳисобномаи пардохтшуда
-расидхат
ё дигар ҳуҷҷатҳо бо дархости мушовири мустақил оид ба санҷиш.

Мутахассиси лоиҳаи **GEFF** рӯйхати истеҳсолкунандагон, таҳвилкунандагон ва насбкунандагони тавсияшударо корбарӣ намуда, метавонад ба Шумо маълумот барои тамос пешниҳод намояд. Инчунин дар интихоби технологияҳои мувофиқ ва таҳвилкунандагони боэътимод кӯмак расонад.